# ХУЛОСАИ

**комиссияи экспертии шурои диссертатсионии 6D.КОА-063 дар назди Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон оид ба диссертатсияи Сафаров Абдувалӣ Маҳмадсаидович дар мавзӯи “Ҷанбаҳои ташкиливу иқтисодии рушди соҳаи сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” аз рӯйи ихтисоси 08.00.04 – Иқтисодиёти соҳавӣ (08.00.04.06 – Иқтисодиёти соҳаи сайёҳӣ)**

аз 28 июни соли 2023 ш. Душанбе

Комиссияи экспертии шурои диссертатсионии 6D.КОА-063 дар назди Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон дар ҳайати: Шаропов Ф.Р., доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент – раиси комиссия; Самандарзода И.Ҳ., доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор – аъзои комиссия; Алишоев Х.Ҳ., номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент – аъзои комиссия (карори ШД аз 15.06.2023, №2/КЭ), мутобиқи банди 60-уми Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267), дар асоси экспертизаи диссертатсия ва шиносой бо маводҳои пешниҳодшудаи парвандаи аттестатсионии довталаби дараҷаи илмӣ Сафаров Абдувалӣ Маҳмадсаидович **хулосаи** зеринро қабул намуд:

**I. Маълумот оид ба довталаби дараҷаи илмӣ**

Довталаби дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ Сафаров Абдувалӣ Маҳмадсаидович ба талаботи барои ҳимоя иҷозат додани диссертатсия аз рӯи банди 25 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267), мувофиқат мекунад.

Сафаров Абдувалӣ Маҳмадсаидович 9 январи соли 1986 таваллуд шудааст, шаҳрванди Тоҷикистон.

Соли 2008 Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистонро аз рӯи ихтисоси “Менеҷмент” хатм кардааст.

Дар давоми солҳои 2008-2021 дар ҶДММ “Кишт-М” дар вазифаҳои гуногун кор кардааст. Аз соли 2021 то ба имрӯз дар вазифаи ходими хурди илмии Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон адои вазифа дорад. Аз моҳи сентябри 2019 унвонҷӯи Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон мебошад.

Роҳбари илмӣ: Мирзоалиев Абдурашид Абдунабиевич – номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, мудири кафедраи менеҷменти Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон

Дар парвандаи аттестатсионӣ руйхати корҳои илмии довталаб мавҷуд аст, ки онҳо ба мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ дахл дошта, бо шумораи 12 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 5 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи

Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидаанд.

**II. Мутобиқати мавзӯъ ва мундариҷаи диссертатсия ба ихтисоси илмӣ**

Мавзӯъ ва мундариҷаи диссертатсияи Сафаров Абдувалӣ Маҳмадсаидович дар мавзӯи "Ҷанбаҳои ташкиливу иқтисодии рушди соҳаи сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" аз рӯйи ихтисоси 08.00.04 – Иқтисодиёти соҳавӣ (08.00.04.06 – Иқтисодиёти соҳаи сайёҳӣ) ба ихтисоси илмие, ки аз рӯи он ба ҳимоя пешниҳод гардидааст, мувофиқат мекунад.

Натиҷаҳои дар таҳқиқот аз ҷониби муаллиф бадастовардашуда ба бандҳои Шиносномаи ихтисоси зикргардида мутобиқат мекунанд. Натиҷаҳои диссертатсия дорои аҳамияти илмӣ буда, ба рушди илми иқтисодӣ саҳм хоҳанд гузошт.

**III. Пешниҳоди пурраи маводҳои диссертатсия дар корҳое, ки аз ҷониби довталаби дараҷаи илмӣ интишор шудаанд**

Муқаррароти асосӣ ва хулосаҳои диссертатсия дар 12 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 5 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидаанд, ки аз онҳо 2 мақола дар алоҳидагӣ (талаботи банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267)) дар маҷаллаҳои тақризшаванда ба чоп расидаанд.

Маълумот оид ба интишороти асосии пешниҳоднамудаи довталаб, ки дар онҳо натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия нашр шудаанд, саҳеҳ ва боэътимод мебошанд.

**IV.Маълумот оид ба асолати матни диссертатсия ва автореферати он, мавҷуд набудани иқтибосҳои носаҳеҳ**

Дараҷаи асолати матни диссертатсия ва автореферати пешниҳодгардида ба меъёрҳои талаботи муқарраршуда ҷавобгӯй мебошад. Иқтибосҳо саҳеҳ оварда шудаанд; маводи муаллифони дигар, ки бидуни нишон додани иқтибос ба муаллиф ва ё сарчашма истифода шудаанд, ошкор нагардид; корҳои илмие, ки аз ҷониби довталаби дараҷаи илмӣ дар ҳаммуаллифӣ иҷро шудаанд, бидуни овардани иқтибос ба ҳаммуаллиф, мавҷуд нестанд.

**V. Комиссия пешниҳод менамояд:**

1. Диссертатсияи Сафаров Абдувалӣ Маҳмадсаидович дар мавзӯи "Ҷанбаҳои ташкиливу иқтисодии рушди соҳаи сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" аз рӯйи ихтисоси 08.00.04 – Иқтисодиёти соҳавӣ (08.00.04.06 – Иқтисодиёти соҳаи сайёҳӣ) ба ҳимоя қабул карда шавад.

2. Ба ҳайси муқарризони расмӣ таъин карда шаванд:

- Обидов Фозил Саидович, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, вакили Маҷлиси Намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- Ёров Ҷамшед Нуруллоевич, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи географияи иқтисодӣ ва сайёҳии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

3. Ба сифати муассисаи пешбар Донишгоҳи славянии Руссияву Тоҷикистон таъин карда шавад.

4. Барои гузоштани эълони ҳимоя, интишори диссертатсия ва автореферат дар сомонаҳои Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5. Нашр ва паҳнкунии автореферат бо ҳуқуқи дастнавис иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссияи экспертӣ,**
**д.и.и., дотсент** **Шаропов Ф.Р.**

**Аъзоёни комиссияи экспертӣ:**
**д.и.и., профессор** **Самандарзода И.Ҳ.**
**н.и.и, дотсент** **Алишоев Х.Ҳ.**

*Имзои аъзоёни комиссияи экспертиро тасдиқ менамоям*

**Котиби илмии Шурои диссертатсионӣ,**
**н.и.и., дотсент** **Исмоилов А.А.**